**Тақризи**

**роҳбари илмӣ доир ба диссертатсияи илмии Насриддинов Шамолиддин Сайфиддинович дар мавзӯи "Такмил ва таъмини рушди устувори соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ бо ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ).**

**Муҳимят ва зарурарияти гузаронидани таҳқиқот.** Ташаккулии фаъолияти соҳибкорӣ ва муносибатҳои он қисми таркибии рушди муносибатҳои истеҳсолӣ дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ бозоргонӣ, аз ҷумла дар кишоварзӣ ҳамчун, омили муҳими таъмини рушди устувори соҳа ба ҳисоб меравад. Рушди фаъолияти соҳибкории дар соҳаи кишоварзӣ, ҳамчун соҳаи муҳими иқтисодиёти Тоҷикистон ба ҳисоб меравад чунки ҳоло дар деҳот- 75,0 % аҳолӣ зиндагӣ мекунанд ва дар ин соҳа - 18,7% маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ истеҳсол гардида ва 51,0% маҳсулотҳои истеъмолиро таъмин менамояд.

Ташаккули муносибатҳои иқтисоди бозорӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита бо рушди соҳибкории хусусӣ алоқаманд мебошад. Дар солҳои 90-уми асри гузашта дар ҷараёни ислоҳоти аграрӣ дар мамлакат доираи фаъолияти соҳибкорон инкишоф ёфт, ки ин пурра ба соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон тааллуқ дорад. Ба ҷараёни рушди соҳибкории кишоварзӣ омилҳои зиёде таъсир мерасонанд. Ҳамоҳангсозии омилҳои зиёд ба таври оддӣ ташаккул ёфта, асосҳоеро фароҳам месозад, ки усулҳои моделкунониро ҳангоми таҳқиқот ҳамоҳангсозии ин омилҳо дар тағйирёбии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ истифода намоем. Ҳамаи ин таҳқиқот масъалаҳои назариявӣ ва методологии идоракунии ҷараёнҳо ва асосноксозии равишҳои навро барои ҳалли онҳо дар шароити ислоҳоти комплекси агросаноатӣ тақозо менамояд. Муаммои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзӣ аз дидгоҳи ҳамоҳангсозии омилҳои макроиқтисодӣ ва ташкилӣ-иқтисодӣ тадқиқ карда мешавад.

Бояд ёдовар шуд ки рушди иқтисодиёти Тоҷикистон бо инкишофи соҳибкории истеҳсолии кишоварзӣ алоқаманд буда он ба густариши фаъолияти истеҳсолии субъектҳои хоҷагидорӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, ҳамчунин дар ин замина таъмин намудани ҳаёти шоистаи аҳолии мамлакат равона гардидааст.Дар воқеъ, рушди соҳибкории истеҳсолӣ заминаи боэътимоди таъмини бозорҳои истеъмолии ҷумҳурӣ бо молҳои ватанӣ, густариши иқтидори содиротии мамлакат мебошад.

Дар баробари ин ҳамзамон, ба омӯзиши имкониятҳои содиротии соҳибкорон, коркарди ашёи хоми ватанӣ ва таъсири инфрасохтор ба рушди комплекси агросаноатӣ дар ҷумҳурӣ аҳамияти кам дода шудааст.

Ҳолати кунунии ин масъалаҳо бо набудани назарияи мукаммали проблемаи таҳқиқшаванда дар илми иқтисодии ватанӣ тавсиф карда мешавад.

Ҳамаи масалаҳои дар боло зикр гардида муҳимияти мавзӯи интихобшудаи кори диссертатсиониро муайян мекунанд, инчунин арзиши илмӣ ва аҳамияти амалии онро тасдиқ менамояд.

Муаммоҳои рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолии комплекси агросаноатӣ дар шароити рушди муносибатҳои нави хоҷагидорӣ ба таври кофӣ омӯхта нашуданд, ҳамин таврин ва дигар масаълаҳои ба он алоқаманди илмӣ актуалӣ будани мавзӯъро муаян месозад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқадима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиётҳои истифодашуда дар ҳаҷми 152 саҳифаи чопи компютерӣ иборат буда, дар он 28 ҷадвал, 9 расм оварда шудааст.

**Дар муқаддима** Муҳимият мавзӯи диссертатсионӣ собиқ карда шуда, дараҷаи коркардшавии он арзёбӣ гардидааст. Мақсад, вазифа, предмет в аобъекти таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти амалии он баён гардидаанд.

**Дар боби якум «Асосҳои назариявии такмил ва рушди устувори соҳибкорӣ истеҳсоли дар соҳаи кишоварзӣ»** асосҳои илмии ташаккулёбии самтҳои назариявии рушди соҳикборӣ дар кишоварзӣ, таҷрибаи соҳибкорӣ дар хориҷа баррасӣ шудаанд.

**Дар боби дуюм «Баҳогузории вазъи муосири соҳибкории истеҳсоли дар соҳаи кишоварзӣ»** вазъи муосири соҳибкорӣ, муаммоҳо ва самаранокии соҳибкории истеҳсолӣ таҳқиқ карда шудааст.

**Дар боби сеюм «Омилҳои асосии рушди устувор соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзӣ»** масъалаҳои суғуртакунонӣ, андозбандӣ ва дастгирии молиявӣ- сармоягузорӣ ҳамчун омили муҳими рушди соҳибкорӣ дар кишоварзӣ омӯхта шудаанд.

**Дар хулоса** ҷамъбасти натиҷаҳои асоси мавзӯи таҳқиқот оварда шуда, инчунин аз тарафи муаллиф якчанд пешниҳодҳои мушахас оид ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзӣ тавсия гардидааст.

Муаллифи диссертатсия тавонистааст дар асоси тадқиқи асосҳои назариявӣ мафҳуми соҳибкориро аниқ карда, муаллиф соҳибкориро чун категорияи иқтисодӣ, кулли муносибатҳои иқтисодию иҷтимоии субъектҳои алоҳида дар истеҳсол, коркард, фурӯши мол, кор ва хизматрасониҳо, аз рӯи принсипҳои мустақилият, худҷавобгарӣ, худтанзимкунӣ, худтаъминкунӣ, худидоракунӣ, худхариди хароҷотҳо бо истифода аз қобилияти дарки масъулият, ақл, ахлоқу одоб, қобилият, маҳорат, ақидаҳои ҳоҷагидорӣ ва истифодаи онҳо дар амалияи ҳоҷагидорӣ тавсиф намудааст.

Дар диссертатсия дар асоси омӯзиш ва таҳқиқи таҷрибаи ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар мамлакатҳои хориҷа назарияҳои гуногуни рушди низомҳои иқтисодӣ ва мавқеи соҳибкорӣ таҳлилгардида, ҳамоҳангсозии миёни рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва вазъи муҳити тиҷорати беруна ошкор карда шудааст.

Муаллиф хусусиятҳои хосии давраҳои рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолро дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон таҳқиқ намуда, омилҳое ки

ба рушд ёфтани фаъолияти соҳибкории истеҳсолсоти кишоварзӣ монеа мешаванд, муайян карда, роҳҳои ҳалли онҳо нишон додааст.

Дар диссертатсия тамоюлҳои асосие, ки дар вайрон намудани принсипҳои бунёди фаъолияти соҳибкорӣ, ғайридавлатигардонӣ, истеҳсолоти майдаи молӣ, хоҷагиҳои хурд, ки ба ноустувории молиявӣ рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар кишоварзӣ роҳ дода шудааст ошкор карда шуда, роҳҳои илман ҳал намудани онҳо асоснок карда шудааст.

Муаллифи диссертатсия илман асоснок кардааст, ки таъсиси хоҷагиҳои инфиродии ҳаҷман хурди аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок нест. Пешниҳод карда шудааст, ки вобаста ба ин зарурати ташкили хоҷагиҳои калони молӣ дар намуди ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ, корпоратсияҳои истеҳсолӣ расидааст, зеро маҳсулоти ин гуна хоҷагиҳо дар бозор ба рақобат тобовар шуда, самаранокии истеҳсолоти кишоварзиро таъмин карда метавонанд.

Дар диссертатсия исбот карда шудааст, ки барои дастгирии молиявии соҳибкории истеҳсолии кишоварзӣ дар ҳолати таъсири офатҳои табии ҷорӣ намудани суғуртаи ҳатмӣ зарур аст, зеро таъсиси хоҷагиҳои деҳқонии (фермерӣ) инфиродӣ, ки зиёда аз 78,0% то 5 га замини таъиноти кишоварзӣ доранд ва эҳтимоли пурра аз даст додани ҳосил мавҷуд аст, суғурта намудани ҳосил ба деҳқон имконияти таъмини раванди такрористеҳсолкунӣ ва барҳамхӯрӣ раҳо ёфтанро фароҳам меорад.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаҳо ва пешниҳодоти дар диссертатсия дарҷ гардида ба мукаммал гардидани донишҳои назариявию методии раванди ташаккул ва таҳлили механизмҳои рушди устувори фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзӣ мусоидат карда, як қатор пешниҳодҳои дар рисолаи илмӣ оварда шуда метавонанд татбиқи амалии худро дар заминҳои қонунгузории таҳқиқоти низоми идоракунӣ фаъолияти соҳибкорӣ хурду миёна ва ҳамчунин дар фаъолияти мақомоти вазорати кишоварзӣ бо дарназардошти манфиатҳои иқтисоди миллӣ пайдо кунад.

Натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсионии пешниҳодшударо метавонанд дар самти коркард ва такмил додани механизмҳои арзёбӣ ва идоракунии фаъолияти соҳикории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шавад. Инчунин маводиҳои дар диссертатсияи дарҷгардида мумкин аст дар факултетҳои иқтисодии мактабҳои олӣ ба сифати маводи таълим ҳангоми хондани лексия ва дарсҳои амалӣ аз фанҳи "Назарияи соҳибкорӣ ва менеҷменти истеҳсолӣ", "Ихтисоси КАС" ташкил ва бо таври васеъ истифода кард.

Доир ба мавзӯи рисолаи илмӣ 6 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 3 мақола дар нашрияҳои илмие, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионӣ (КОА)-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд чоп шудаанд.

Аз рӯи мазмун ва мундариҷа диссертатсия кори илмии ба охир расида ба ҳисоб рафта дар назария ва амалияи илми иқтисодӣ ҳиссаи худро гузошта метавонад. Диссертатсия ба талаботҳои Низомномаи КОА назди ПрезидентиҶумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он Насриддинов Шамолиддин Сайфиддинович барои гирифтани унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ) сазовор аст.

Роҳбари илмӣ,
Профессори кафедраи «Молия ва қарз»-и
Донишгоҳи Русӣ-Тоҷикӣ
(Слаянии) Тоҷикистон, д.и.и. И.С.Ашуров

Ашуров Ихтёр Саидович, тел.: (+992905557788)
E-mail: ikhtiyor.ashurov@inbox.ru

Имзои Ашуров Ихтиёр Саидович, д.и.и, профессори кафедраи «Молия ва қарз»-и Донишгоҳи Русӣ-Тоҷикӣ (Слаянии) Тоҷикистонро тасдиқ менамоям

Мудири шӯъбаи кадрҳо А.Д. Алиев